## ХУЛОСАИ

**комиссияи экспертии Шурои диссертатсионии 6D.KOA-037-и назди МДТ-и «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» оид ба диссертатсияи Маҳмадшоев Маҳмадшо Мирзошоевич дар мавзуи «Масъалаҳои асосии нақду сухансанҷии адабиёти тоҷику форс дар асрҳои XVI-XVII» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.00 – Адабиётшиносӣ (10.01.01– Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ)**

Диссертатсияи Маҳмадшоев Маҳмадшо Мирзошоевич ба яке аз мавзуъҳои мубрами адабиётшиносӣ – масъалаҳои нақду сухансанҷӣ дар адабиёти тоҷику форси асрҳои XVI-XVII бахшида шудааст.

Бояд гуфт, ки мавзуи мавриди таҳқиқ аз чанд ҷиҳат арзишманд мебошад: якум ин ки хонанда аз вазъи сиёсиву фарҳангӣ, иҷтимоӣ ва афкори адабии суханварони Вароруду Эрон ва Ҳиндустони асрҳои XVI-XVII огоҳӣ пайдо менамояд; дигар ин ки бо услуби баёни тазкиранигорону таърих-нависони ин аҳд ошно шуда, истифодаи анвои гуногуни нақди адабиро дар осори онҳо дарк мекунад. Маҳз аз ҳамин дидгоҳ муҳаққиқ дар муқаддимаи диссертатсия иброз медорад, ки то имрӯз ба таври комил ва дар якҷоягӣ масъалаи нақду сухансанҷӣ дар ҳавзаҳои адабии Вароруду Эрон ва Ҳиндустон таҳқиқ нагардидааст. Ҳамчунин дар адабиётшиносии тоҷик доир ба масъалаи мавриди баҳс, ба ҷуз мақолаву рисолаҳои ҷудогона, тадқиқоти комилу фарогир сурат нагирифтааст. Аз ин рӯ, ба доираи таҳлил кашидани масъалаҳои нақду сухансанҷии асрҳои мавриди назар яке аз мавзуъҳои муҳимму саривақтист. Муқоисаи андешаҳои адабии шуаро ва маҳфилҳои адабии ин ҳавзаҳо дар асрҳои XVI-XVII мубрамии мавзуи таҳқиқро ташкил додааст.

Арзиши дигари таҳқиқоти диссертатсионӣ дар он аст, ки муаллифи он кӯшиш ба харҷ додааст, то дараҷаи корбурди анвои нақдро дар сарчашмаҳои адабиву таърихии давр нишон дода, раванди тадриҷии рушди нақди адабиро дар тазкираҳо инъикос намояд. Яке аз ҳамин гуна муаммоҳо аз назари таҳлил гузаронидани усулҳои нақди шеър ва нигоҳи тазкиранависони давр ба

ашъори гузаштагон мебошад, ки диссертант бо овардани мисолҳои фаровон андешаҳои назарии худро асоснок кардааст. Дар диссертатсия ҳамчунин ба масъалаи накди шеър дар маҳфилҳои адабӣ таваҷҷуҳ зоҳир шуда, муколамаву равобити адабии шоирони асрҳои XVI-XVII бо овардани далелҳои мушаххас таҳлил карда шудааст. Нуктаҳои ишорашуда ва масъалаҳои муҳимму мубрами дигар, ки дар диссертатсия мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд, бешак, арзиши назариявии онро баланд бардоштаанд.

Навгонии таҳқиқи диссертатсионӣ дар он зоҳир мегардад, ки бори нахуст дар адабиётшиносии тоҷик маҷмуи масъалаҳои марбут ба равишҳои асосии накду сухансанҷӣ ба таври маҷмуӣ дар алоқамандӣ бо ҳавзаҳои адабии Вароруд, Эрон ва Ҳиндустон бо зикри далелҳо мавриди баррасӣ қарор дода шудааст.

Ҳамчунин дафъаи якум накш ва таъсири маҳфилҳои адабӣ ба осори суханварони асрҳои XVI-XVII дар Эрон, Вароруд, Ҳиндустон ва ҷойгоҳи он дар рушду инкишофи накди адабӣ мавриди ҳаллу фасл қарор гирифтааст. Маводи дар доираи диссертатсия таҳлилшударо метавон ҳангоми таълифи васоити таълимӣ ва китобҳои дарсӣ аз таърихи адабиёти тоҷик ва ҳамчунин барои таҳияи сарчашмаҳои адабиву таърихӣ истифода бурд. Бар замми ин, тавсияҳои амалии аз ҷониби диссертант пешниҳодшуда барои таҳқиқи монографии масъалаҳои накду сухансанҷии асрҳои XVI-XVII хеле муфид мебошад.

Аҳаммияти назарӣ ва амалии таҳқиқ дар он мебошад, ки масъалаҳои таърих ва назарияи адабиёт, аз ҷумла, накду сухансанҷӣ дар ашъори адибони асрҳои XVI-XVII, осори ёддоштиву таърихӣ ва тазкираҳои давраи мазкур, фаъолияти маҳфилҳои адабӣ дар қаламрави забони тоҷикӣ-форсӣ, равобити адабии суханварони тоҷику эронӣ ва ҳиндустонӣ, анъанаҳои шеъри классикии форсӣ: бедилгароӣ, пайравӣ ва татаббуъ, идома ва рушди суннатҳои адабии шеъри тоҷикӣ, муҳимтарин мавзуоти шеъри замон ва монанди инҳо баррасӣ гардидаанд. Хулосаҳои илмии диссертатсияро метавон ба таври васеъ дар таҳияи рисолаҳои магистриву номзадӣ ва

докторӣ, таълифи китобҳои таърихи адабиёт, дастуру барномаҳои таълимӣ, хондани курсу семинарҳои махсус аз фанни интихобӣ, накди адабӣ, курси ихтисос дар факултетҳои филологии муассисаҳои олии таълимӣ истифода намуд.

Бо назардошти афзалиятҳои мазкур диссертатсия ба талаботи бандҳои 31-35-уми Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021 таҳти №267-ум ва Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26-уми июни соли 2023, таҳти №295 «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо» тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ мебошад. Маълум мегардад, ки диссертатсия аз ҷониби муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои мазмун ва мантиқи ягонаи илмӣ мебошад. Дар он саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ ба таври равшан аён аст ва мақсаду вазифаҳои дар пеш гузошташудаи муҳаққиқ ба пуррагӣ ҳаллу фасл гардидаанд. Нуктаҳои илмии барои ҳимоя пешниҳодшуда ва натиҷаҳои ҳосилгардида аз он шаҳодат медиҳанд, ки муҳаққиқ аз ҷараёни таҳқиқи мавзуъ огоҳии комил дорад ва онро дар доираи талаботи корҳои илмӣ ба сомон расонидааст.

Мавзуи интихобшуда ва мазмуни ягонаи таҳқиқи диссертатсионӣ ба шиносномаи ихтисоси 10.01.00 – Адабиётшиносӣ (10.01.01-Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ) мувофиқ мебошад.

Натиҷаҳои асосӣ, хулосаҳои таҳқиқ ва тавсияҳои муаллиф дар 20 мақола, ки дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Русия ба табъ расидаанд, инъикос ёфта, бо мазмун ва мавзуи диссертатсия бевосита алоқаманд мебошанд. Автореферати диссертатсия ва мақолаҳои нашрнамудаи унвонҷӯ фарогири мазмуну муҳтавои диссертатсия мебошанд. Мақолаҳои илмии интишорёфтаи муаллиф ва теъдоди маводи чопшуда ба талаботи бандҳои 34 ва 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ мувофиқат менамоянд.

Дар хулосаи диссертатсия дастовардҳои илмии таҳқиқ ва моҳияти масъалаҳои меҳварӣ зикр ёфта, дурнамо ва тавсияҳои амалии мавзуи кори диссертатсионӣ таъйин шудаанд. Аҳаммияти таҳқиқ, навгониҳои илмии диссертатсия ва арзиши амалии онро ба инобат гирифта, комиссияи экспертӣ ба чунин хулоса омад, ки диссертатсияи Маҳмадшоев Маҳмадшо Мирзошоевич дар мавзуи «Масъалаҳои асосии нақду сухансанҷии адабиёти тоҷику форс дар асрҳои XVI-XVII» кори мукаммали аз ҷиҳати илмӣ анҷомёфта буда, ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад. Бо назардошти ин, диссертатсияро барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.00 –Адабиётшиносӣ (10.01.01-Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ) ба ҳимоя пешниҳод кардан мумкин аст.

Комиссияи экспертӣ дар асоси банди 60-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ пешниҳод менамояд:

1. Диссертатсияи Маҳмадшоев Маҳмадшо Мирзошоевич дар мавзуи «Масъалаҳои асосии нақду сухансанҷии адабиёти тоҷику форс дар асрҳои XVI-XVII» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.00-Адабиётшиносӣ (10.01.01–Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ) дар ҷаласаи Шурои диссертатсионии 6D.КОА-037-и назди МДТ-и «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» тариқи овоздиҳии ошкоро ба ҳимоя қабул карда шавад.

2. Комиссияи экспертӣ муҳаққиқони зеринро, ки корҳои илмӣ таҳқиқотиашон ба ихтисоси 10.01.00-Адабиётшиносӣ (10.01.01–Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ) мувофиқат доранд, ба ҳайси муқарризони расмӣ пешниҳод менамояд:

**- Суфизода Шодимуҳаммад Зикриёпур** – доктори илмҳои филологӣ, профессор, директори китобхонаи ба номи “Индира Гандӣ”-и АМИТ;

**- Қурбонзода Рухшона Қурбон** – доктори илмҳои филологӣ, профессор, муовини ректор оид ба муносибатҳои байналмиллалии ДДОТ ба номи С.Айнӣ;

- **Низомӣ Муҳриддин Зайниддин** – доктори илмҳои филологӣ, профессор, ректори МДТ-и «Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзода».

3. Ба сифати муассисаи пешбар **Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ** пешниҳод мешавад.

4. Барои гузоштани эълони ҳимоя, матни диссертатсия ва автореферати он дар сомонаҳои МДТ-и «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис ва ирсол гардидани он ба суроғаҳои таъиншуда иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссияи экспертӣ,**
**доктори илмҳои филологӣ, профессор,**
**узви Шурои диссертатсионӣ** **Султонзода Т.С.**

**Аъзои комиссияи экспертӣ:**
**доктори илмҳои филологӣ, профессор,**
**узви Шурои диссертатсионӣ** **Насриддинов Ф.А.**

**доктори илмҳои филологӣ, профессор,**
**узви Шурои диссертатсионӣ** **Муродӣ Н.**

**«13» майи соли 2024**